аз 31.05.2022, №286

“Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Дар асоси муқаррароти моддаҳои 159-161 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Низомномаи Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замимаи №1)

3. Раис, аъзоён ва котиби Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаи № 2).

4. Фармоиши мазкур дар рӯзномаи “Боҷу Хироҷ” ба нашр расонида шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир карда шавад.

5. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаи фармоиши мазкурро ба сарраёсат ва раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, инчунин мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи № 1
Бо фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» майи соли 2022, № ________ тасдиқ карда шудааст.

# НИЗОМНОМАИ
## Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шӯро) тибқи муқаррароти моддаҳои 159-161 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекси андоз) таҳия карда шуда, низомномаи мазкур принсипҳои фаъолияти Шӯро, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Шӯро ва аъзоёни Шӯро, тартиби қабул, бақайдгирӣ, баррасӣ ва нигоҳдории мурочиатҳо, инчунин барасмиятдарории натиҷаҳои баррасии онҳоро ба танзим медарорад.

2. Шӯро мақоми машваратии байниидоравии назди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи андоз оид ба баррасии пешазсудии баҳсҳои андозӣ байни андозсупоранда ва мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, бо мақсади баррасии шикоятҳои андозсупорандагон нисбат ба санад ва қарорҳои мақомоти андоз, инчунин масъалаҳои дигаре, ки хулосаи соҳавиро талаб менамояд, таъсис дода шудааст.

3. Шӯро мақоми ташхисӣ ва машваратӣ буда, фаъолияти худро беподош, дар асоси худидоракунӣ ва мустақилона амалӣ менамояд.

4. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Точикистон онҳоро эътироф намудааст, санадҳои меъёрии зерқонунӣ, қарорҳои Мушовараи Кумитаи андоз, фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз, мактубҳои дастурии Кумитаи андоз ва низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Шумораи умумии аъзоҳои Шӯро ва аъзоҳои он бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз тасдиқ карда мешавад.

### 2. Принсипҳои фаъолият ва вазифаҳои Шӯро

6. Шӯро фаъолияти худро ба ғайр аз принсипҳои андозбандӣ, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ мемонад:

- риояи муқаррароти қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- дар доираи қонунгузорӣ таъмин намудани баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин пешниҳодҳои сардорони воҳидҳои сохтории мақомоти андоз вобаста ба баррасии пешазсудии баҳсҳо;

- таъмини риояи сирри андоз доир ба маълумотҳои андозсупоранда, ки дар ҷараёни фаъолияти мақомоти андоз ташаккул дода шудаанд;

- риояи ҳуқуқҳои қонунии шахсони муроҷиаткунанда.

7. Вазифаҳои асосии Шӯро аз инҳо иборат аст:

- баррасии муроҷиатҳои андозсупорандагон ва мақомоти андоз вобаста ба масъалаҳои баҳси андозӣ, аз ҷумла баҳсҳо вобаста ба санҷишҳои анҷомёфта ва ба итмом нарасидаи андоз;

- дар доираи қонунгузорӣ ҳангоми баррасии шикоят, эътироз ва муроҷиатҳо ба инобат гирифтани манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

- доир ба маҳал ва вақти баргузории баррасии шикоятҳо сари вақт хабардор намудани шахсони муроҷиаткунанда ва аъзоёни Шӯро;

- ба муроҷиаткунанда пешниҳод намудани ҷавоби хаттӣ, ки аз натиҷаи баррасии масъала қабул карда шудааст;

- таҳлили натиҷаи баррасии баҳсҳо, гурӯҳбандии онҳо ва ба роҳбарияти Кумитаи андоз пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас оид ба мукаммал намудан ва ё такмил додани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии андоз.

8. Асос барои баррасии муроҷиат дар ҷаласаи Шӯро:

- масъалаҳое, ки оиди ҳалли онҳо андозсупорандагон, агентҳои андоз ва ё роҳбарони воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз муроҷиат менамоянд;

- шикоят нисбат ба санад ва қарорҳои қабулнамудаи мақомоти андоз, инчунин дигар масъалаҳои андозбандӣ, ки хулосаи соҳавиро талаб менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Шӯро

9. Шӯро дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- аз тарафҳои баҳс ва ё субъекти муроҷиаткунанда маълумотҳои иловагиро вобаста ба мавзӯи баҳс дархост намояд;

- барои баррасии шикояту баҳсҳо ба сифати коршинос (эксперт) мутахассисони соҳавии мақомотҳои давлатӣ, аз он ҷумла намояндагони мақомотеро даъват намояд, ки санҷиши андоз тибқи дархости онҳо гузаронида шудааст, инчунин бо онҳо вохӯриҳои корӣ ташкил кунад;

- дар ҷаласаҳо мавқеъ ва ваҷҳҳои намояндагони тарафҳоро шунавад, ба онҳо савол диҳад, пешниҳоди далел ва ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб намояд;

- барои мавқуф гузоштани санҷиш дар давраи таҳти баррасии Шӯро қарор доштани муроҷиат ва пас аз баррасӣ идома додани санҷиш ба Раиси Кумитаи андоз тавсия пешниҳод намояд;

- маводҳои санҷишии аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои баррасии такрорӣ баргардонидашударо мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор диҳад;

- тибқи дархости мақомоти судӣ масъалаҳоеро, ки дар судҳо мавриди баррасӣ қарор доранд, омӯхта, хулосаҳои худро ба Раиси

Кумитаи андоз ҷиҳати минбаъд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ ирсол намудан ба судҳо пешниҳод менамояд;

- бо назардошти ҳолат ва далелҳои иловагӣ ошкор ва дастрасгардида, нисбати масъалаҳое, ки дар мақомоти судӣ мавриди баррасӣ қарор доранд, тибқи гузориши роҳбари дахлдори мақомоти андоз масъалаи ҷойдоштаро баррасӣ намуда, ба Раиси Кумитаи андоз оид ба зарурияти минбаъд идома додани баҳс дар мақомотҳои судӣ хулоса медиҳад;

- аъзои Шӯро дар мувофиқа ва ё бо супориши Раиси Кумитаи андоз дар конференсияҳо, семинарҳо, ҷаласаҳо, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ, оид ба масалаҳои Шӯро иштирок ва баромад намояд.

10. Дар ҳолатҳои зерин муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Шӯро баррасӣ карда намешаванд:

- дар муроҷиат мавҷуд набудани предмети баҳс;

- ба салоҳияти (ваколати) мақомоти андоз дохил нашудани баррасии баҳси ба миёномада;

- муроҷиат қаблан аз ҷониби Шӯро баррасӣ гардида, хулосаи дахлдор қабул гардида бошад;

- мавҷуд будани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд вобаста ба баҳси мазкур аз рӯи ҳамин предмет ё таъинот дар хусуси қатъи истеҳ-солоти парванда вобаста ба қабули аризаи даст кашидани даъвогар аз даъво ё тасдиқи созишномаи оштӣ;

- аз ҷониби муроҷиаткунанда риоя нагардидани тартиби муқаррар-намудаи Кодекси андоз оид ба шикоят.

11. Шӯро уҳдадор аст:

- баррасии муроҷиатҳоро дар доираи принсипи дастаҷамъона (коллегиалӣ) амалӣ намояд;

- омӯзиши ҳаматарафа ва пурраи маводҳои пешниҳодгардидаро таъмин намояд, ба далелҳо ҳангоми баррасии муроҷиатҳо объективона баҳо диҳад;

- дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои асоснок қабул намояд;

- ҳифзи сирри маълумоти муроҷиаткунандаҳоро таъмин намояд;

- ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муроҷиаткунанда, инчунин дигар шахсонеро, ки дар баррасии муроҷиатҳо иштирок мекунанд, риоя ва ҳифз намояд.

## 4. Ташкили фаъолияти Шӯро

12. Фаъолияти Шӯроро яке аз Муовини Раиси Кумитаи андоз роҳбарӣ мекунад, корҳои ташкилии фаъолияти Шӯроро котиби Шӯро таъмин менамояд.

13. Аъзоёни Шӯро аз 17 нафар иборат буда, бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз муайян ва иваз карда мешаванд.

14. Раисикунанда ҷаласаи Шӯроро роҳбарӣ карда, ба тариқи коллегиалӣ баррасӣ намудани муроҷиатҳоро таъмин менамояд.

15. Ҷаласаи ҳайати Шӯро дар он маврид салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар он на кам аз 1/2 ҳиссаи аъзои он иштирок дошта бошанд.

16. Ҷаласаи Шӯро мақоми олии он мебошад. Ҷаласаи Шӯро дар ҳолатҳои зарурӣ, ки баррасии масъаларо аз ҷониби Шӯро тақозо менамояд, гузаронида мешавад.

17. Ҷаласаҳои Шӯро ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Шахсони дар ҷаласа иштироккунанда, ки забони давлатиро намедонанд, ҳуқуқи ба воситаи тарҷумон бо маводи парванда пурра шинос шуданро доранд. Шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ки далелҳои хаттӣ ва дигар далелҳоро пешниҳод менамоянд, вазифадоранд тарҷумаи онҳоро ба забони давлатӣ бо шаҳодати дуруст будани он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъмин намоянд.

18. Аз натиҷаи баррасии масъала протокол тартиб дода шуда, хулосаи хаттӣ қабул карда мешавад.

19. Аъзои Шӯро ҳангоми баррасӣ ва қабули хулоса баробарҳуқуқанд.

20. Барои қабул шудани хулосаи Шӯро шумораи овози на кам аз 1/2 ҳиссаи аъзои Шӯро зарур мебошад ва ба хулосаи хаттӣ Раис ва котиби Шӯро имзои худро мегузоранд.

21. Овоздиҳӣ барои қабули хулосаи Шӯро бо иштироки танҳо аъзои Шӯро гузаронида мешавад.

22. Дар ҳолати вуҷуд доштани овози «Муқобил» ё «Бетараф», аъзои Шӯро, ки чунин мавқеъро ишғол намудааст, шарҳи мавқеи худро дар шакли хаттӣ пешниҳод менамоянд, ки он ба парванда ҳамроҳ карда мешавад.

23. Протоколи ҷаласаи Шӯроро котиби Шӯро таҳия менамояд.

24. Маводҳои ҷаласаи Шӯро дорои маълумотҳои сирри андоз ва муҳри “Истифодаи хизматӣ” дошта, бе иҷозати Раиси Кумитаи андоз ошкор карда намешаванд.

## 5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои Шӯро

25. Аъзои Шӯро ҳуқуқ дорад:

- ҳангоми мавҷудияти сабабҳои узрнок ва ё ихтилофи манфиатҳо аз Раиси Шӯро оид ба худрадкунӣ дархост кунанд;

- аз мақомоти ҳудудии андоз дар мӯҳлати муқарраргардида маълумотҳо ва маводҳоеро талаб намоянд, ки барои баррасӣ ва қабули хулосаи асоснок заруранд.

26. Аъзои Шӯро ӯҳдадор аст:

- дар омода намудани парвандаҳо ҷиҳати баррасии масъалаҳо дар ҷаласаҳои Шӯро иштирок кунад;

- дар баррасии парванда ва лоиҳаҳои хулосаҳо ширкат кунад, дар протоколи ҷаласаи Шӯро имзо гузорад;

- сирри андозсупорандаро ҳифз намояд.

27. Вазифаҳои котиби Шӯро:

- бақайдгирӣ ва барасмиятдарории муроҷиатҳоро амалӣ менамояд;

- феҳристи муроҷиатҳоро пеш мебарад;

- парванда ва маводҳои заруриро барои гузаронидани ҷаласаи Шӯро омода менамояд;

- бо мувофиқа бо Раиси Шӯро ба ҳар як аъзои Шӯро на дертар аз 3 рӯзи корӣ нусхаи маводҳои ҷаласаи Шӯроро дастрас менамояд;

- фаъолияти аъзои Шӯро ва мутахассисони ҷалбшударо ҳамоҳанг месозад;

- лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи Шӯро таҳия менамояд, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои Шӯроро амалӣ менамояд, сабти хаттӣ ва ё ҳангоми зарурат сабти аудио-видеоии рафти ҷаласаи Шӯроро таъмин менамояд;

- аъзоёни Шӯро ва намояндагони мурочиаткунандаро оид ба вақт ва маҳалли баргузории ҷаласаи Шӯро огоҳ менамояд.

## 6. Тартиби қабул, бақайдгирӣ, баррасӣ ва нигоҳдории мурочиатҳо

28. Ҳамаи мурочиатҳое, ки дар банди 2.3 нишон дода шудаанд, тибқи тартиби муқарраргардида дар Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузории Кумитаи андоз ба қайд гирифта шуда, ба роҳбарияти Кумитаи андоз пешниҳод карда мешаванд ва танҳо дар асоси дастхати роҳбарият барои иҷро ба котиботи Шӯро супорида мешаванд.

29. Мурочиатҳое, ки баррасии онҳо дар асоси талаботи мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ ва дигар қонунгузорӣ ҳаллу фасл карда мешавад, инчунин мурочиатҳое, ки муаллифи онҳо номаълум аст, мавриди баррасӣ қарор дода намешаванд.

30. Ҳангоми гузаштани муҳлати нигоҳдории парванда, ки маводҳои он дар Шӯро баррасӣ карда шудаанд, парвандаи мазкур тибқи тартиби муқарраршуда ба бойгонии Кумитаи андоз супорида мешавад.

31. Ҳангоми баррасии мурочиатҳо ҳайати Шӯро уҳдадоранд мӯҳлати муқарраргардидаи талаботи амалкунандаи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро вобаста ба баррасии мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ риоя кунанд.

32. Протоколи ҷаласаи Шӯро аз се қисм иборат мебошад: муқаддимавӣ, асосӣ ва хотимавӣ.

33. Дар қисми муқаддимавӣ нишондод оид ба ному насаби иштироккунандагон ва мансаби онҳо, рӯзномаи ҷаласа, сана, вақт ва маҳалли баррасии шикоят, инчунин номгӯи маводҳои пешниҳодшуда барои баррасии мурочиат дарҷ карда мешавад.

34. Дар қисми асосӣ баромадҳои аъзои Шӯро ва дигар иштироккунандагон, ки доир ба масъалаи баррасишаванда изҳори назар кардаанд, дар алоҳидагӣ ва далелҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодгардида, инчунин дигар маълумотҳои зарурӣ сабт карда мешаванд.

35. Дар қисми хотимавии Протокол хулосаи ниҳоии ҷаласаи Шӯро дарҷ карда мешавад.

36. Протокол дар як нусха тартиб дода шуда, дар парванда нигоҳ дошта мешавад.